«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров»
_____________профессор Усмонзода А.И.
аз «_28_» _октябри_ соли 2023

# ХУЛОСАИ

кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» доир ба диссертатсияи Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи “Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ

Диссертатсияи Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи “Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.

Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна соли 2011-ум факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Аз соли 2017-ум то инҷониб аз рӯйи ихтисос дар муассисаҳои таълимӣ ва корхонаҳои гуногун ба сифати омӯзгор ва корманд фаъолият бурдааст.

Аз соли 2018 дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа ба сифати унвонҷӯ фаъолияти илмӣ мебарад.

**Роҳбари илмӣ:** Ҳодибоев Фаридун Абдуалиевич – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, сардори маркази иттилоот ва таҳлили Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» санаи 19.12.2018, қарори №5 тасдиқ карда шудааст.

Диссертатсияи унвонҷӯ Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар ҷаласаи васеи кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи мазкур муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст.

Дар ҷаласаи васеи кафедра Солиҷонов Расулҷон – аъзои Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки мутахассиси ҳамин соҳаи баррасишавандаи диссертатсия мебошанд, иштирок доштанд.

**Дар рафти муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул гардид:**

Рисолаи номзадии Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб меёбад, ки аз арзишҳои муҳимми назарию амалӣ ва навгонии илмӣ бархурдор мебошад. Аҳаммияти мавзуи рисола, омӯзиш, баррасӣ, таҳқиқ ва муайян намудани "Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)" ва ошкор сохтани аҳаммияти илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоӣ-таърихии онҳо мебошад.

Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули чандинсолаи фаъолияти илмии муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ-таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ карда шудаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар баррасии бевоситаи мавзуи мазкур мебошад, ки то имрӯз мавриди омӯзиш қарор нагирифта буд.

Дар марҳилаи муосири рушди худ ниҳоди оила дар ҷомеаи тоҷикистонӣ тағйиротҳоеро аз сар мегузаронад, вале он то имрӯз низ ҳамчун умумияти таърихӣ, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир мерасонад, ба ҳайси муҳимтарин ниҳоди иҷтимоишавии шахсият, интиқоли таърихии арзишҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, этникӣ ва ахлоқӣ мақоми худро аз даст нададааст. Бо ҳамин сабабҳо, дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ таваҷҷуҳи зиёд ба масъалаҳои муҳаббат, издивоҷ, оила дар ҳама синну сол боқӣ монда, тарбияи аввалини инсон ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ ва ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ дар ӯ маҳз дар оила сурат мегирад. Аммо равандҳое, ки имрӯз дар ин ниҳоди муҳимми иҷтимоӣ бар асари ҷаҳонишавӣ мушоҳида мешаванд, ба оилаҳои Тоҷикистон низ бетаъсир набуда, онҳо ба таҳаввулоти назаррас мувоҷҷеҳ шуда истодаанд, ки, ба ақидаи аксари муҳаққиқони соҳа, фалокатовару харобиовар буда метавонад. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаи нақши оила дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ дар даврони муосир ва мақоми он дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии аъзои ҷомеа, махсусан наврасону ҷавонон, диди навро аз нигоҳи илми муосир бо мақсади ошкор сохтани тағйироти дар моҳияти он бавуҷудомада ва паёмадҳои онро барои ҷомеаи муосири мо, ки то ҳол нишонаҳои асосии ҷомеаи анъанавиро нигоҳ доштааст, мубрам мегардонад.

Аз ин хотир, инсон бояд ҳамаҷониба омодаи зиндагии комил бошад ва баҳри расидан ба мақсадҳои неки зиндагӣ, ҳам аз ҷиҳати руҳонӣ ва ҳам аз

ҷиҳати иқтисодию ҷисмонӣ омода бошад. Ин нуқтаро сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд, ки “масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошад, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад”.

Ҷомеа ба оилае, ки аз ҷиҳати маънавӣ устувор бошад, ҳамеша манфиатдор аст, зеро он фазоест, ки дар он фарзанди аз нигоҳи биологӣ ва ахлоқӣ солим ба дунё омадаву тарбия меёбад. Солимии ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии насли наврасу ҷавонон бошад, солимии тамоми миллат аст. Маҳз дар оила асоси шахсияти инсон, муносибатҳо ва самтгирии арзишии ӯ ташаккул меёбанд, ки мазмуни он ба талаботҳои ҷомеаи адолатпеша, ҳуқуқмеҳвар ва аз нигоҳи иқтисодӣ самаранок ҷавобгӯ мебошад. Ниҳоди оила то имрӯз барои ташаккули дурусти вазифаҳои асосии инсон хизмат намуда, ҳамчун манбаи азхуд намудани малака ва қобилияти муайяни меҳнатии шахс мутобиқати бомуваффақияти ӯро ба талаботу нигарониҳои ҷомеа кафолат медиҳад.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот.** Арзиши назариявии диссертатсия аз он иборат аст, ки мавод ва хулосаҳои умумии он фаҳмиши навро оид ба дарки ниҳоди оила ва нақши он дар ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ дода, натиҷаҳои бадастомадаи таҳлилӣ барои бунёд ва рушди ғояҳои илмӣ-назариявии ниҳоди оила ва дар ин замина таҳкими пояҳои давлати миллӣ мусоидат менамоянд. Арзиши амалии диссертатсия дар он аст, ки мазмуни асосӣ ва хулосаҳои диссертатсияро дар таҳияи консепсияи рушди оила, татбиқи амалиии тадбирҳо оид ба таъмини устувории он, омода намудани курси лексияҳо, курсҳои махсус ва семинарҳо оид ба фанҳои фалсафаи иҷтимоӣ, сотсиология ва ғ. истифода бурдан имкон дорад.

**Навгонии илмии диссертатсия.** Навгонии илмии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин таҷассум ёфтааст:

– мавқеъ ва фаҳмиши муаллиф оид ба ниҳоди оила коркард ва пешниҳод шудааст, ки тибқи он оила яке аз навъҳои танзими самарабахши иҷтимоӣ, нишондиҳандаи устуворӣ ва пойдории низоми муносибатҳои муосири иҷтимоӣ, асоси ягонагии иҷтимоии ҷомеа муайян шудааст;

– хусусияти дугонаи танзими иҷтимоии оила – институтсионалӣ ва ғайриинститутсионалӣ муқаррар шудааст, ки дар натиҷаи онҳо дар ҳар як организми мушаххаси иҷтимоӣ иерархияи арзишҳои оилавӣ ва арзишҳои худи оила ва ҷомеа ба вуҷуд меояд;

– хусусиятҳои дигаргуншавии оила ҳамчун арзиши иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ муайян карда шудааст, ки дар натиҷаи алоқамандӣ бо тафаккури суннатӣ, хусусияти зиддиятноки арзишҳои нав, ки

мазмуни онҳо ҳамчун маҳсули эклектикии номутобиқатии дохилии тамоюлҳои барқароркунӣ, навсозӣ ва устувории оила дар шароити ҷаҳоншавии олам ташаккул меёбад, ба вуҷуд меоянд;

– бори аввал кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки заминаҳо ва омилҳое, ки садди роҳи рушди ниҳоди оила дар Тоҷикистон мегарданд, мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифта, таъсири манфии онҳо ба сохтори иҷтимоии ҷомеа нишон дода шавад;

– дурнамо, хатар ва таҳдидҳои мавҷуда дар ростои ниҳоди оила ва роҳҳои маҳдуд намудани он дар шароити Тоҷикистони муосир аз нигоҳи илмӣ муайян карда шудаанд.

**Мақсади тадқиқот.** Мақсади таҳқиқот муайянсозии нақши ниҳоди оила дар ташаккул ва рушди арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ, аз ҷумла фарҳанги оиладорӣ дар даврони муосир ва таҳти таъсири раванди ҷаҳонишавӣ мебошад.

Расидан ба мақсади мазкур ҳалли **вазифаҳои** зеринро талаб менамояд:

- муайян сохтани мафҳум, моҳияти ниҳоди оила ва нақши он дар ҷомеа, мушаххас сохтани роҳи таърихии инкишофи институти никоҳ ва оила дар заминаи равиши иҷтимоӣ-фалсафӣ;

- равшан сохтани моҳияти арзишҳои иҷтимоӣ, оилавӣ ва муносибатҳои оилавӣ ҳамчун микроҷамъият;

- муайян кардани мавқеи ниҳоди оила дар бунёд, ҳифз, такрористеҳсолкунӣ ва рушди арзишҳои иҷтимоӣ;

- ошкор сохтани хусусиятҳои ниҳоди оилаи муосири тоҷикистонӣ дар даврони муосир, таъсири мутақобилаи дигаргуниҳое, ки дар оилаи муосири тоҷикистонӣ ба амал меоянд ва намудҳои рафтори харобиовар, девиантӣ, ки дар ҷомеаи муосири тоҷик мушоҳида мешаванд;

- мушаххас намудани таъсири муносибатҳои нави иқтисодӣ, тамоюлҳои демографӣ ба моҳият ва сохтори муносибатҳои оилавӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистони муосир ва дурнамои рушди оила дар он;

- муайян намудани арзишҳои нави иҷтимоӣ, оилавӣ ва шаклҳои ҳозиразамони ташкили оила ва никоҳ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ва муносибатҳои ахлоқии издивоҷи гурӯҳи ҷавонон, муносибати онҳо ба арзишҳои оилавӣ, ки шарти пешгӯии намудҳои рафтори издивоҷ мебошад;

- омӯзиши самтгирии арзишӣ, нишондодҳои меъёрӣ ва намунавии наврасону ҷавонон нисбат ба никоҳ ва бунёд сохтани оила.

Муҳтавои мавзуи диссертатсия дар 5 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, инъикос ёфтааст:

[1-М] Мамадҷонова, М.Д. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба фарҳанги оиладории ҷавонон [Матн] / М.Д. Мамадҷонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №8. – С.193-197. ISSN 2074-1847.

[2-М] Мамадҷонова, М.Д. Фарҳанги хонаводагӣ [Матн]: заминаҳо ва марҳилаҳои аслии танзими он дар Тоҷикистон / М.Д.Мамадҷонова [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №9. – С.202-208. ISSN 2074-1847.

[3-М] Мамадҷонова, М.Д. Таъсири зиддиятҳои иҷтимоӣ дар солҳои 90-ум ба оилаҳои ҷавон [Матн] / М.Д. Мамадҷонова // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2021. – №3. – С.131-138. ISSN 2710-4672.

[4-М] Мамадҷонова, М.Д. Таъсири анъанаҳои фарҳанги оиладорӣ ба оилаҳои ҷавон дар давраи гузариш аз сотсиализм ба иқтисодиёти бозоргонӣ (Дар мисоли омодакунии хӯрокҳои суннатӣ) [Матн] / М.Д. Мамадҷонова [Матн] // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №1. – С.48-54. ISSN 2076-2569.

[5-М] Ҳодибоев Ф. А., Мамадҷонова М.Д. Ифротгароӣ: шеваҳои муосир ва муфиди мубориза / Ф.А.Ҳодибоев, М.Д.Мамадҷонова [Текст] // Ахбори Академияи миллии илмњои Тољикистон. – Душанбе: “Дониш”. 2023. № 1 (270). –С. 73-78. ISSN 2791 – 2639.

Автореферат ва мақолаҳои илмии нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифта, ба он ҳамоҳанг карда шудаанд. Маҷмуан, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии он ба ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаи назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Аз натиҷаҳои муҳокима хулосабардорӣ намуда,

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Рисолаи илмии Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи “Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)” таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ва ба талаботи пешбинигардидаи соҳиб шудан ба дараҷаҳои илмӣ ва додани унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Рисолаи илмии Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи “Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ

дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)” барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” (Протоколи № 4 аз 27-уми октябри соли 2023) кабул гардидааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 23 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 23 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раисикунанда,
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
фалсафа, номзади илми фалсафа Ҳасанова З.А.

Доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи ҷомеашиносии ДИС ДДТТ Солиҷонов Р.

Котиб, сармуаллима Ҳотамова М.Ғ.

Имзои Ҳасанова З.А. ва Ҳотамова М.Ғ.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ-и «ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э.М.

Имзои Солиҷонов Р.-ро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДИС ДДТТ Маҳмудов Ш.У.